«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
___________Ибодуллозода А.И.
«22» 05 2026

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» ба кори диссертатсионии Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

***Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Мавзуъ, мундарича ва муҳтавои диссертатсия ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) пурра мутобиқ мебошад. Дар таҳқиқот масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, хусусиятҳои ташкил ва истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ баррасӣ шудааст.

Муҳтавои диссертатсия ба банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ» мувофиқат менамояд, зеро дар таҳқиқот моҳият, сохтор, шарт ва принсипҳои ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас муайян гардида, амсилаи тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муҳити рушдёбандаи муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ таҳия шудааст.

Инчунин диссертатсия ба банди 4 - «Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» низ мутобиқ мебошад, зеро дар рафти таҳқиқ меъёрҳо, технология ва усули баҳодиҳии сифати ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ муайян гардида, самаранокии шароит ва воситаҳои педагогии

пешниҳодшудадар чараёни корҳои тачрибавӣ-озмоишӣ санчида шудааст.

Диссертатсия самтҳои асосии ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-ичтимоӣ (педагогикаи ичтимоӣ) фаро гирифта, аз чиҳати илмӣ ва методолгӣ чавобгӯи талаботи шиносномаи макур мебошад.

***Мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот.*** Ташаккули давлати демократӣ ва ҳукуқбунёд ба ташаккули инсони аз ҳар чиҳат комил аҳамияти хосса медиҳад ва пурзӯр намудани накши чомеа дар таълиму тарбияи насли наврас, таблиғи ғояҳои асосии миллӣ, садоқат ба Ватан, нангу номуси миллӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳкими заминаи маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангии чавонон мувофиқи мақсад мебошад. Қисми таркибии ин вазифаи муҳимро такмили мазмуни таҳсилот ташкил медиҳад. Ҳаллу фасли пурсамари ин проблема ба он вобаста аст, ки то кадом дарача эчодкорона ғояҳои пешқадами низоми педагогии гузаштаю муосир истифода мешаванд. Яке аз вазифаи муҳимтарин аз захираи бузурги ғояҳои ичтимоӣ, меъёрҳои маънавӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ интихоб намудани арзишест, ки метавонад барои тарбияи насли наврас хизмат намояд.

Тадбирҳои мунтазами Ҳукумати Чумҳурии Точикистон оид ба амалӣ шудани сиёсати давлатии чавонон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва ҳуқуқбунёд ва ташаккули шахсияти чавонон дар чомеа накши асосӣ ва самарабахш бозида истодааст. Бахусус, қабул ва амалигардии Қонуни Чумҳурии Точикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шахрвандон»", Консепсияи миллии тарбия дар Чумҳурии Точикистон, Стратегияи сиёсати давлатии чавонон дар Чумҳурии Точикистон то соли 2030, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳуввияти миллии чавонони точик барои солҳои 2023-2027 ва Барномаи миллии рушди ичтимоии чавонони Чумхурии Точикистон барои солҳои 2022-2026 дар роҳи амалишавии сиёсати давлатии чавонони Точикистон дастовардҳои назаррас ба бор оварданд.

Дар Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии чавонони Точикистон барои солҳои 2023-2027 чунин омадааст: "Тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии чавонон яке аз чузъҳои таркибии чараёни тарбия ба ҳисоб рафта, чавононро дар роҳи садоқат ба Ватан, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, худогоҳию хештаншиносӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ ҳидоят менамояд. Дар тамоми кишварҳои чаҳон чавонон ба сифати нерӯи пуриқтидор ва ҳомии Ватан эътироф шудаанд".

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи интихобнамудаи Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо

истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» мубрам буда, ба таълиму тарбияи самараноки хонандагон, шавқу рағбати онҳо ба осори пандуҳикматии мутафаккирони классику муосир дар шароити ҷаҳонишавӣ зиёд мегардонад ва ҳисси ватандӯстию ифтихори миллӣ ва меҳру муҳаббати онҳоро ба ватани аҷдодӣ, эҳтиром ва ҳимояи марзу буми он меафзояд.

***Дараҷаи асоснокноккунии гуоришҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.*** Пешрафти назариявӣ ва самаранокии татбиқи амалии раванди ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас аз хусусиятҳои муҳити муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ, мавқеи фанҳои таълимӣ, сатҳи касбии ҳайати омӯзгорон, шаклҳои ташкили раванди таълим бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ вобастагии мустақим дорад.

Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас ҳамчун яке аз масъалаҳои калидии педагогикаи муосир таваҷҷуҳи доираи васеи олимон, методистон, омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимиро ба худ ҷалб намудааст.

Дари ин радиф, муҳаққиқ муайян намудааст, ки ҳарчанд масъалаҳои ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқон Х.А. Ҷӯраева, Х. Раззоқов, Н. Табаров, А. Умаров, С.Ҳ. Рустамзода Д. Латифзода, Р.Э. Каримов, А.М. Мирзокаримзода, Р.Э. Каримов, С. Раҳмоналӣ васеъ матраҳ гардида бошад ҳам, вале то ҳоло дар саҳи зарурӣ омӯхтанашуда боқӣ мондаанд ва таҳқиқоти алоҳидаи илмиро тақозо менамоянд.

Ҷабҳаи гуногуни тарбияи ватандӯстӣ ва масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати фарҳангии онҳо дар таҳқиқоти олимони ватанӣ М. Лутфуллозода, Х. Раҳимзода, Л. М. Иматова, Х. Буйдоқов, Ф. Шарифзода, И. Х. Каримова, Ф. Гулмадов, М. В. Саидов, Э. Ҷонмирзоев, А. Ҳамроқулов, С. Холназаров, Д. Шарипова, Н. С. Собирова, Р. Ҳ. Неъматов, С. Раҳмоналӣ ва дигарон ба таври назаррас инъикос ёфтаанд. Дар осори онҳо масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ, фарҳанги иҷтимоӣ, худшиносии миллӣ ва рушди маънавии насли ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон баррасӣ мегарданд.

***Мақсади таҳқиқотро*** муҳаққиқ дар тасдиқи озмоишии мутобиқати шароитҳои педагогии аз ҷиҳати назариявӣ асосёфта, ки барои воқеисозии бомуваффақияти раанди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст.

Муҳаққиқ зимни таҳқиқоти илмӣ ақидаҳои педагогии осори адибон, мақола, асар, таҳқиқот ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии ба таълиму тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ бахшидашудаи олимон-педагогҳо ва муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, маъхазҳои илмӣ-методӣ, адабиёти гуногуни бадеӣ, фалсафӣ, психологию педагогӣ ва сотсиологӣ, ҳамчунин, дастуру роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро оид дар рӯҳияи хештаншиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстию донистани таърихи гузаштаву муосири аҷдодон тарбия намудани насли наврас, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва консепсияву барномаҳои давлатии рушди маорифро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст.

Ҳамчунин, тавассути таҳлили назариявӣ ва амалии проблемаи ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, меъёрҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврасро равшан ва аниқ баён намудааст.

Дар асоси омӯзишу таҳқиқи мавзуъ ва натоиҷи корҳои озмоишӣ пешниҳод карда шудааст, ки ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ бидуни азхуд кардани фарҳанги миллӣ аз имкон берун аст, бинобар ин унсурҳои он бояд ба мундариҷаи фаъолияти таълимӣ ва корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии мактаббачагон ворид карда шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро барои таҳияи ҷанбаҳои педагогии ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас дар хонандагони муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ метавон васеъ истифода бурд. Маводи таҳқиқот метавонад ба мутахассисони соҳаи педагогика, равоншиносон, омӯзгорон ва устодони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии равияи омӯзгорӣ ва такмили ихтисос, инчунин, ба донишҷӯён - омӯзгорони ояндаи муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ ба сифати маводи ёрирасон оид ба ташкили раванди тарбияи ҳисси ватандӯстӣ кумак кунад.

Бояд қайд намоем, ки довталаб ҷиҳати ҳалли проблемаи таҳқиқ ва ошкорсозии ғояҳои ватандӯстӣ амсилаи амсилаи тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муҳити рушдёбандаи муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ ва истифодаи онро дар тарбияи хонандагон коркард намуда, ба вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш ноил гаштааст.

Зикр намудан ба маврид аст, ки муаллифи диссертатсия барои таҳқиқ фарзияи илмии рисоларо ба таври воқеъбинона дуруст муайян карда, ошкор намудааст, ки тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ

ба мақсад мувофиқу самарабахштар мегардад, агар: ҷалби фаъоли наврасон ба фаъолиятҳои самти ватандӯстидошта, ба фаъолияти осорхонаи мактабӣ, осорхонаҳои муассисаҳои гуногун ва махсусгардонӣ бо мақсади ҷалби онҳо ба мавзуи ҳувияти миллӣ, таҳкими робитаи бошуурона бо зодгоҳи худ, ташаккул додани ҳисси иштирок ва масъулият барои ҳифзи таъриху маданияти чандинасра, васеъ намудани доираи ҷалби насли наврас бо анъана ва расму оинҳои мардумӣ, ҳунари мардумӣ ва санъати классикӣ ҳамчун ҷузъи фарҳанги ҷаҳонӣ ва мояи ифтихори миллӣ ва ғайра ба роҳ монда шавад.

Муҳаққиқ хеле бамаврид муайян намудааст, ки ғояҳои ватандӯстона дар ҷараёни таълиму тарбияи хонандагон ҷузъи асосии ташаккули ҷаҳони маънавӣ ва бедории афкори хонандагон маҳсуб меёбад.

Таҳлилу баррасии зимни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардаи унвонҷӯ аз он шаҳодат мудиҳанд, ки фарзияҳои аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

Таркиб ва сохтори рисола аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, манбаъ ва ҳадафи пажӯҳиш, фарзияҳо ва марҳилаҳои таҳқиқот, асоси назарӣ ва амалию усулу роҳҳои таҳқиқ муназзам гардидааст. Рисолаи илмӣ дар заминаи таҷриба ва собиқаи корӣ ба миён омадааст, ки ин дастоварди хуби муҳаққиқ мебошад.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот*** асоси илмию таҳқиқотӣ дошта, моҳияти тарбияи ватандӯстӣ дар хонандагон бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ арзёбӣ гардидааст. Механизми ташаккули тарбияи ватандӯстии насли наврас дар ҷараёни корҳои таълимию тарбиявии муассисаҳои таълимӣ дар заминаи муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ муайян шуда, самаранокии амсилаи тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муҳити рушдёбандаи муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ собит карда шудааст.

Яке аз падидаҳои нави илмии таҳқиқот дар он собит мегардад, ки дар он шароитҳое барои татбиқ интихоб гардиданд, ки ба самранокии бештари воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии наврасон дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ мусоидат мекунад.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия*** дар он ифода меёбад, ки дар заминаи таҳлили назариявӣ ва таҷрибавии масъала шароитҳои педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ мушаххас гардида, воситаҳои педагогии фаъолсозии фаъолияти таълимӣ ва иҷтимоии онҳо асоснок карда шуданд.

Аҳамияти илмии таҳқиқот дар таҳкими асосҳои назариявии педагогикаи иҷтимоӣ, тавсеаи тасаввуроти илмӣ оид ба ташаккули тарбияи ватандӯстии наврасон дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ ва муайян намудани шароитҳои педагогӣ дар замони ҷаҳонишавӣ зоҳир мегардад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияҳои методологии пешниҳодшуда, аз ҷумла шакл, усул ва воситаҳои ташкили фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ, метавонанд барои такмили раванди таълим, раванди ташаккули тарбияи ватандӯстии наврасон дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ истифода шаванд.

Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот ба рушди ватандӯстӣ, худшиносӣ, масъулиятшиносӣ, фаъолнокии наврасон алоқаманд буда, барои ташаккули шахсияти ватадӯст, худшиносу хештаншинос ва аз лиҳози иҷтимоӣ барои ҳимояи Ватан мусоидат менамояд. Дар ин замина, таҳлил ва баррасии хусусиятҳои ташаккули тарбияи ватандӯстии наврасон аз нуқтаи назари психологӣ, иҷтимоӣ ва педагогӣ аҳамияти махсус касб менамояд.

Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки татбиқи амалии тавсияҳо ва технологияҳои пешниҳодшуда метавонад ба баланд гардидани самаранокии раванди ташаккули тарбияи ватандӯстии наврасон дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ, беҳтар шудани сифати корҳои беруназсинфӣ ва истифодаи мақсадноки имкониятҳои таълимӣ дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ мусоидат намояд.

***Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳо*** бо сарчашмаҳои назариявии омӯхташуда, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва барномаҳои давлатӣ, дарк ва истифодаи натиҷаҳои фаъолияти омӯзгорони озмоишгузаронида, инчунин риояи қатъии тавсияҳои илмию методӣ оид ба ташкили корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҳам дар ҷараёни эҷод ва ҳам дар ҷараёни татбиқи амсилаи педагогии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар вақти корҳои беруназсинфӣ дар муҳити муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ тасдиқи худро пайдо намудааст.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили системавии сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи педагогикаи иҷтимоӣ, психология, назарияи иҷтимоишавӣ ва таълимӣ такя мекунад. Таҳлили муқоисавии адабиёти илмӣ нишон дод, ки масъалаи тарбияи ватандӯстии насли наврас дар вақти корҳои беруназсинфӣ дар муҳити муассисаҳои

фарҳангиву маърифатӣ, то ҳол ба таври кофӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор нагирифтааст.

Дар диссертатсия моҳият, сохтор ва хусусиятҳои иҷтимоишавии донишҷӯён муайян гардида, шартҳои педагогӣ, шакл, усул ва воситаҳои самараноки раванди ташаккули тарбияи ватандӯстии насли наврас дар дар муҳити муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудаанд. Муаллиф амсилаи амсилаи тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муҳити рушдёбандаи муассисаҳои фарҳангиву маърифатиро таҳия намуда, нақши онро дар ташаккули ватандӯстӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, масъулиятшиносӣ ва фаъолнокии иҷтимоии хонандагон нишон додааст.

Эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаҳои илмӣ бо истифодаи маҷмуи назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқоти педагогӣ, аз ҷумла мушоҳида, пурсиш, суҳбат, ташхис, таҳлили муқоисавӣ ва таҷриба-озмоиши педагогӣ таъмин гардидааст. Натиҷаҳои бадастомада тавассути таҳлили нишондиҳандаҳои гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ тасдиқ шуда, самаранокии шартҳо ва воситаҳои педагогии пешниҳодшуда дар раванди ташаккули тарбияи ватандӯстии насли наврас исбот гардид.

Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда, метавонанд ҳангоми такмили раванди таълим ва тарбия, ташкили фаъолияти иҷтимоӣ ва ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ истифода шаванд.

***Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот*** аз он иборат аст, ки муаллиф мустақилона дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои назариявӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян намуда, амсилаи педагогии раванди тарбияи ватандӯстии наврасонро дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ таҳия кардааст; технологияҳои педагогӣ ва шароитҳои педагогиро, ки барои ноил шудан ба самараи татбиқи ин амсила дар фаъолияти амалии муассисаҳои таълимӣ мусоидат мекунанд, интихоб намудааст; интихоби воситаҳои баҳодиҳӣ ва меъёрҳои мониторинги тағирёбии сатҳи ташаккули ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ дар наврасонро ҳангоми озмоиши педагогӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардааст; маълумотҳоеро, ки дар марҳилаҳои муқарраркунанда ва назоратии озмоиш ба даст оварда шудаанд, коркард намуда, ҷамъбаст, таҳлил ва шарҳ додааст.

***Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.*** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳои баргузоршуда мавриди

баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла дар конференсияҳоии ҷумҳуриявии илмию амалӣ унвонҷӯ  мақолаҳоро чоп намуда, бо маъруза баромад намудааст. Мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти Мирзозода Акрам Рустам дар 4 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои такризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и  Вазорати маорифи Россия тавсияшаванда шомилбуда, 8 мақола дар  дигар нашрияҳо ба чоп расидаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия ба талаботи Дастурамал оид ба таркиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, автореферaтҳо, мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқат мекунад. Мазмуну муҳтавои автореферат аз мазмуни матни диссертатсия бармеояд.

***Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.*** Довталаби дараҷаи илмӣ дар раванди таҳқиқ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ масъалаи тарбияи ватандӯстии насли наврасро бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ  дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, нақши шароитҳо ва воситаҳои педагогиро дар ташаккули ҳисси ватандӯстии хонандагон ва аз лиҳози илмӣ омодашуда асоснок намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки ташкили мақсадноки раванди ташаккули ҳисси ватандӯстии хонандагон дар муҳити муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ба баланд гардидани сатҳи фаъолнокии иҷтимоӣ, рушди худшиносӣ ва худогоҳии миллии насли наврас мусоидат менамояд.

Мазмун, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ буда, қисматҳои он бо риояи пайдарпайии мантиқӣ таҳия гардидаанд. Дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии масъалаи таҳқиқшаванда дар ҳамбастагӣ баррасӣ гардида, натиҷаҳои бадастомада бо хулосаҳои илмии асоснок ҷамъбаст шудаанд. Диссертатсия ҳамчун кори илмии анҷомёфта ва мустақилона иҷрошуда арзёбӣ мегардад.

Диссертатсия дар ҳаҷми  195  саҳифаи матни компютерӣ аз муқаддима, 3 боб ва хулоса, феҳрасти адабиёт иборат буда,  13 расму диаграмма ва 9  ҷадвалро дар бар гирифтааст. Феҳристи адабиёт фарогири 178 номгӯй мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқшаванда собит карда шуда, доир ба маводи таҳқиқ ва аҳамияти назариявӣ ва

амалии диссертатсия, навгониҳои илмии диссертатсия, равиши таҳқиқи мавзӯъ, манобеи пажӯҳиш ва сатҳи эътимоднокӣ ва коркарди мавзуъ маълумоти мушаххас оварда шудааст.

**Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назарияии тарбияи ватандустии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ»** номгузорӣ шудааст. Мавриди мураттабсозии боби мазкур муаллиф ба натиҷаи таҳлили таҳқиқотҳое, ки дар онҳо рушди муносибати ватандӯстӣ ҳамчун ҳиссиёти иҷтимоӣ, арзиши шахсӣ нишон дода шуда, тағйири парадигмаҳоро дар робита ба зарурати густариши раванди тарбияи ватандӯстӣ на танҳо дар барномаи таълимӣ, ки ҳангоми омӯзиши фанҳои гуногун ба хусусиятҳои ҳувияти миллӣ ва фарҳангӣ диққат додааст, балки дар соатҳои беруназсинфӣ низ, ки имконияти истифодаи миқдори зиёди шаклҳои гуногуни ҳамкории педагогӣ, баланд бардоштани самаранокии воқеисозӣ, бо назардошти татбиқи шароитҳои педагогии мувофиқро фароҳам меоранд, пешниҳод кардааст.

Дар боби мазкур муаллифи рисола қайд менамояд, ки рушди ҳар як миллат аз муносибати хонандагон ва наврасон ба гоя ва арзишҳои миллӣ вобаста аст, ки он ба шуури наврасон чӣ гуна таъсир мерасонад ва то куҷо, яъне, то чӣ андоза гояи миллӣ барои муайян кардани ҳадафу манфиатҳои ҳар як инсон пурмаъно хоҳад буд ва хидмат мекунад, хонандагон ва наврасон онро зуд дарк мекунанд, инчунин муносибати мусбати худро нисбат ба он зоҳир менамоянд.

Муҳаққиқ мавриди баргузории мушоҳида, омӯзиш ва таҳлили нақша ва барномаҳои таълимӣ, мавзуъҳои соатҳои тарбиявӣ, чорабиниҳои муассисавӣ ва бернуазмуассисавӣ ба хулосае омадааст, ки тарбияи самараовари ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ қисмати ниҳоят муҳиму марказии рафти таълиму тарбия маҳсуб ёфта, дар рӯҳияи мазкур омода намудан ва ташаккули шахсияти онҳо тавассути азбаркунии донишу малака ва маҳорат дар муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ муносибати навро талаб мекунад.

**Боби дуюми диссертатсия «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз шароит ва имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ»** буда, имконоту шароитҳои педагогии воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ таҳлилу баррасӣ шуда, сатҳи ташаккулёфтагии эҳсоси ватандӯстии насли наврас мавриди тақиқ қарор гирифтааст.

Дар раванди таҳия ва татбиқи амсилаи педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон дар фазои рушди муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ аз рӯйи усул ва шаклҳои самараноки кор бо наврасон аз

коркардҳои олимону педагогон ва омӯзгорони фаъолияткунанда истифода бурда шуда, ҳамчунон, усулҳои инноватсионие, ки ба ташаккули муносибатҳои эҳсосӣ ва арзишӣ ба идеалу истилоҳоти марбути мафҳуми ватандӯстӣ, ба вуҷуд омадани ҳавасмандӣ барои иштироки фаъол дар фаъолияти ба самти ватандӯстӣ нигаронидашуда мусоидат мекунанд, пешниҳод карда шуданд.

Муаллиф дар ҷараёни корҳои озмоишӣ принсипҳои асосии тарбияи ватандӯсӣ, принсипи инсондӯстӣ, фаъолият ва фаъолнокӣ, субъективият, ҳодисавӣ ва ташхисии фаъолиятро муайян кардааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия – «Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ»** - асосноккунии интихоби шароитҳои педагогӣ барои воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ оварда шуда, барои амалисозӣ тавсияҳо ироа шудаанд; раванди татбиқи амсилаи педагогӣ муфассал тавсиф шуда, исботи далели самаранокии он дар асоси таҳлили натиҷаҳои кор бо наврасони шомили гурӯҳи озмоишӣ бо истифода аз воситаҳои ташхиси аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашуда манзур шудааст.

Корҳои озмоишӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шудааст ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таълим бешак ба ташаккули тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ мусоидат хоҳад кард.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлили мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, фарзия, предмет, вазифа ва мантиқи таҳққот мувофиқанд, мувофиқ карда шуданд. Илова бар ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаи маводи конференсияҳо дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

***Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*** Диссертатсия ва автореферати он вобаста ба талаботи дастурамал оид ба тартиби ба расмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) омода карда шуда, мақолаҳои илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмун ва муҳтавои асосии рисоларо инъикос менамоянд. Дастовардҳои илмӣ, эътимоднокӣ, хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф тибқи талаботи дастурамали Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шудаанд.

Дар матни диссертатсия муқаррароти дастурамали Комиссияи олии аттестатсионӣ риоя гардида, матн бо забони тоҷикӣ ба таври возеҳ ва равшан таҳия шудааст. Тартиби таҳия ва ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи диссертатсия дуруст буда, робитаи мантиқӣ ва пайдарпайии мавод таъмин гардидааст. Дар охири ҳар як боб хулосаҳои мушаххас пешниҳод шуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқ ба таври ҷамъбастӣ баён гардидаанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи зарурӣ таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва доир ба моҳияти таҳқиқотии гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тасаввуроти аниқро бозгӯ мекунад. Инчунин, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб, ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳу фаҳмо бароварда шудааст.

***Эродҳо ба кори диссертатсионӣ***

Дар баробари дастовардҳои илмии назариявию амалии муҳаққиқ, дар диссертатсия норасоиҳои зерин дида мешаванд, ки зикри он характери тавсиявӣ дорад.

1. Муҳаққиқ дар масъалаи ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ аз таҳқиқоти олимон истифода бурда бошад ҳам, барои мукаммалтар намудан ва ба назар гирифтани арзишҳои миллӣ ва асоснок сохтани муҳтавои диссертатсия ба таҳиқоти олимони ватанӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамуд, арзиши илмии таҳқиқот бештар мегардид.

2. Унвонҷӯ Мирзозода Акрам Рустам мебоист “Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалишавии барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2022, таҳти №629 тасдиқ гардидааст, васеътар мавриди таҳлил қарор дода, тибқи талаботи барномаи мазкур васеътар дар корҳои озмоишӣ

мавриди таҳқиқ қарор медод. Дар ин маврид унвонҷӯ ба мақсади гузоштааш бештар ноил мегардид.

3. Сарфи назар аз мутобиқати умумии возеҳии забони рисола, бархе аз ақидаҳои муаллиф норавшананд ва дақиқияти мантиқӣ ва услубиро талаб менамоянд.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат ҳоҳад кард.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Мирзозода Акрам Рустамро халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводи зарурирo ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

## ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) кори ба анҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.
2. Муҳаққиқ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотии дар назди худгузошта ноил гардида, иҷрои фарзияҳои илмӣ ва нуктаҳои ба дифоъ пешниҳоднамударо тасдиқ кардааст.
3. Диссертатсия ба талаботи пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ва таҳрири нави он аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ Самиев Тоҳирҷон мураттаб шудааст. Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Мирзозода Акрам Рустам иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ 15 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «бетараф» - нест, «муқобил» - нест. (Қарори ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 20 майи соли 2026, № 22)

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Мансурова Ҷамила Сулаймоновна

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
номзади илмҳои педагогӣ — Самиев Тоҳирҷон Абдусамадович

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои педагогӣ — Арбобова Фароғат Анваровна

20.05. 2026

Имзои Ҷ.С. Мансурова, Т.А., Самиев ва Ф.А. Арбобоваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода Сайвали Муҳибулло

**Суроғаи муассисаи пешбар:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83,
E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj